АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №2, 2015

ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №2, 2015

## СУХАНШИНОСӢ

**УДК: 4 тадж.(03)+03+4р**

**ҶАМШЕДОВ П[1].**

# ЧАНД НУҚТА ДАР БОРАИ ҚАВМИ ХЙАОНИ (ХЙОН) ДАР ОСОРИ ҚАДИМ

Мақолаи мазкур ба масъалаи этноними қавми «хйаона», ки дар Авесто омадааст, баҳс мекунад. Бархе аз олимон ин ду номро марбути як қавм мешуморанд.

***Калидвожахо:*** хйаона, хиёниҳо, суннат, зардуштӣ, авесто, шоҳи Сосонӣ, Виштасп.

Таърихи ориёиҳо пур аз нақлу ривоятҳо, ки гоҳо яке дигареро инкор мекунанд, иборат аст. Дар омӯзиш ва пажӯҳиши даврони ориёи ва махсусан давраи Зардуштия олимони аврупоӣ ба масъалаи мубоританзаи ориёиҳо ва душманони асосии онҳо *тура* (туирйа) дар зери таъсири «Шоҳнома» - и Фирдавсӣ диққат медиҳанд. Душманони Кави *Виштоспи* ориёӣ ва зардуштиёни он даврон пас аз турҳо, *хиаониён* дар Авестои даврони Сосониён ном бурда мешавад. Пас *хоаониён*, кӣ буданд ва этноними *хйаона* чӣ маъно дорад? Дар бораи вожаи *хиаона* олимони аврупои Х. Бартоломе, Э. Вилхелн, Х.У. Бейлй, Нёолй, Э.Пирарт нуктаи назари хешро иброз доштаанд. Бартоломе дар китоби «Словарь древнеиранского языка» *хиаонаро* бо *хионитхо* як донистааст. Бейли бошад вожаи *хйаонро* чун вожаи форсй *hayun «уштури як куфадор»* ё *«уштури тездав»*, Г. Нёли бошад онро аз сифати забони ҳиндии қадим **syauna* —>ҳинди қадим - **hyauna*—> авестои. Нуаопа «қаноатбахш, форам» ва Пирарт вожаи авестоии *xiiaona* ро калимаи ҳинду - эронӣ чун исми патронимии ҳисоб мекунад. Ӯ ин вожаро бо *syuna, sac* - и санскритӣ муқоиса карда маънои онро чун «фарзанди зан» ё «фарзанди шикам» маънидод мекунад. Ӯ инчунин менигарад, ки ин вожа *«хйаон»* маънои таҳқир ё бад дорад, ки хафт бор дар Авесто ёдовар шудааст.

Аслан дар бораи қавми ба номи *хйаона* чизе дар таърихи модҳо ва ахоманишиҳо вуҷуд надорад. Шояд ин ривоятҳо аз даврони парфиянҳо ҳангоме ки шохи аршакҳо Вологези 1 ба ҷамъовари ва барқарор кардани матнҳои муқаддаси Авесто иқдом карда буд (Динкард) ва ба забони портӣ навишта шудани Аёткори Зарирон, ки ба қаҳрамонии ҷанговарони шоҳ

[1] **Адрес для корреспонденции:** Джамшедов П. –доктор филологических наук, профессор, заведующей кафедрой иностранных языков Академии наук РТ. 734025, Душанбе ул. Турсунзаде 52 кв16. E-mail: Pjam 07@mail.ru, Тел.: 919002053

Виштост бо шоҳи хйониҳо Арчосп (Аредчат - асп) ва кушта шудани Зарер (Заириваир) бародар ва сарфармондеҳи артиши Эроншаҳр бахшида шудаанд.

Такрибан дар даврони шоҳигарии шоҳи Сосони Хусрави Анушервон (асри VI) «Ривоят дар бораи Зарир» ба забони форсии миёна тарҷума шуда буд ва то даврони мо дар таҳрири зардуштии паҳлавӣ расидааст. Дар ин китоб ҷанги хйониҳо (*хйаона)* бо эрониҳо ёдовар шудааст, ки дар он эрониҳо пирӯз шудаанд (ниг. Гаршоспномаи «Шоҳнома» - и А Фирдавсӣ).

Аз рӯи ин ривоят артиши Виштосп бо *хйонихо* дар қисмати зардуштнишини Марв (Margana) бо гузариш аз назди силсилакӯҳҳои Албурз, ҷануби Балх дар набард будаанд. Дар ин ҷо онҳоро *хйон* (порсии миёна *hyon*; *xyon:* позанд *hayun* номидаанд).

Дар бораи набардҳои дигари эрониҳо бо хйаониҳо (Виштосп) дар дигар китобҳои давраи миёнаи форсӣ дучор шудан мумкин аст. Барои мисол дар китоби Чамасп _ намак, мушовири шоҳ Виштосп дар бораи ҷанги шоҳ Виштосп бо *хйонихо и сафед* (sped hyonan) нақл мекунад.

Инчунин маълум аст, ки дар Зодспарм ишора мешавад, ки ин набардҳо бо *хйонихо (хйаона)* си сол пас аз кушоиши вахи муқаддас аз ҷониби Зардушт ба вукӯъ пайвастааст. Дар ин ҷо аз дуздидани духтарони поксирати дарбори Эрон - деҳан аз тарафи Дрвасп Яшт тасдик, шудааст. ***(pad sīh sālag resēnd hyon o Ērān - dehan (ud) wardag kunend an i xūb - tōhmagtar az kanigan*** (Зодсрам 28.8) Ин шоҳиди он амале ҳаст, ки шоҳ, Аредҷат - аспаи ***хйаонӣ*** духтарони шоҳ, - Виштосп - Хумай ва Варидканро асир кардааст (Яшт 9, 31). Дар «Шоҳнома» -и Фирдавсӣ номи ин духтарони рабуда Хумай ва Бехофарид аст.

Дар китоби Динкард инчунин дар бораи хийоион дар хусуси ғалабаи шоҳ, Виштосп бар Арчоспи *хйонй* сухан рафтааст. Инчунин пас аз пирузиҳо шоҳ, Виштосп ба шоҳони дигар вилоятҳо номаеро ирсол менамояд, ки дар он аз онҳо хоҳиш менамояд, ки онҳо дини зардуштиро қабул намоянд.

Дар Бундахишн набарди шоҳ, Виштосп бо Арҷосп дар наздикии рӯди Кешеф - руд (Хуросони Эрон) оварда шудааст (Бундахишн 12, 32 - 34). Дар матни дигар дар хусуси ҳашт бошандагони Суғд сухан меравад, ки ҳафтум ва ҳаштум Лухросп ва шох, Виштосп будаанд (***.sugud (sugd) i hast āsyan .... ūd ek an I luhrasp ud ek an i Wistasp - Sah)***

Дар даврони миёна, хусусан дар даврони шоҳигарии Сосониён дар Эрон вожаи *«хгюи»* на фақат ба *хйаонхо* балки ба кучманчиҳое ки ба эрон дар шимол, Осиёи Миёна ва инчунин Кавкоз ҷангидаанд таалуқ дошт. Вожаи *«хйон»* ба туркҳо, гуннҳо, яфталиҳо хионидҳо ва кидаритҳо низ марбут буд.

Шояд дар суннати баъдии Зардуштй сарварон ва шоҳони турки сосониро бо душманони шоҳ, Виштосп *хйонихо* омехта кардаанд.

Маълум аст, ки шоҳи сосонй Хусрави 1 (Анушервон) бо хони турк Синджиб (Силзибул) шартнома баста яфталиҳоро шикаст дод ва баъд аз соли 577 давлати Яфталиҳо аз байн рафт ва онро дар байни худ таксим карданд.

*Хйаона* инчунин дар ҷанд Яшт ёд шудааст ; Ард Яшт, Дрвасп Яшт, Замёд Яшт.

Кави Виштасп пас аз қабул кардани дини зардуштӣ бо қавме бо номи

*хйаона* дар он тарафи руди Дойтӣ меҷангад (Яшт 9, с. 29 - 32). Инчунин ёдрас шудааст, ки Кави Виштасп бо Ашта Аурвант, подшоҳи хйаони Ареҷат - Асп низ ҷангидааст. *Хйаонӣхо* духтарони Кави Виштасп, Хумай ва Варидканро асир гирифтаанд ва дар ин бора Виштасп қаҳру ғазаби худро ба *хйаонихо* мефиристад, ки аз давлатҳои хйаонинишин омадаанд.

Хйаонхо дар Ардвисур Яшт (Яшти V), ки ба Ардвисур Анахито бахшида шудааст низ ёд шудааст.

Олимони авестошинос дар мавриди як будани *хйаона* ва *хионихо* баҳс мекунанд. Эронишиносон Г. Бейлӣ ва Нёоли дуруст будани матни авестоиро мепазиранд. Ричард Фрай *хйаона* ва *хионихоро* як қавм мешуморад.

Аз рӯи фаҳмиши авестоӣ душманони асосии ориёиҳо ва шоҳ, Виштосп дар даврони Зардушт пас аз туркҳо қабилаҳои *хйаонихо* мешуморанд ва онҳоро чун қавмҳои эронӣ ва пешгузаштагони яке аз қабилаҳои сакҳои Осиёи Миёна ба қалам додаанд.

**Адабиёт:**


1. H. Bailey. Hyaona // Indo - Celtica, Munchen, 1972 p. 18 - 21 J. Marquart. Eransahr, Berlin, 1901 Р. Фрай. Наследие Ирана. М., 1972
2. P. Jamshedov Some point on Khyaona // khiyon tribes in ancient literature.
3. Р. Фрай. Heritage of Central Asia from antiquity to Turkish expansion 1961
4. The article deals with the problem of modern Avestian studies - The problem of identification of the Hyaonians (Hyaona)
5. Х. Бартоломе .Altiranisches Worterbuch. Strassburg, 1904
6. А. Фирдавси. Шохнома. Критический текст т. VI под ред.Нушин Москва.
7. Б. Гафуров. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. 2 - ое
8. Ж. Дармстетер. Zend Avesta, 1884
9. издание, кн.1 Душанбе, 1989
10. H. Bailey. To The Zamasp -Namak 2 // BSOAS vol.Vl, 1931.


**JAMSHEDOV P.**

## SOME NOTES ABOUT KHYAON (KHYON) IN ANCIENT LITERATURE

The article deals witho the Khyaons ethnomjm in Avesta. There are some ideas about this trile which are contradicting each athers.

***Key words:*** Hyaonians, Hyaona, tradition, Zoroartrian, Avesta, Sassanid King, Vishtasp